ТАСДИҚ МЕКУНАМ:
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, академик
Имомзода М.С. ____________
«_20_» __________ 2019.

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсия дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии инҳисорҳои табии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети хуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Дар давраи омода намудани диссертатсия муаллиф Ҷаборов Диловар Абдуқаҳорович унвонҷуи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети хуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буд. Соли 2010 факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси ҳуқуқшиносӣ хатм намуд.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ 27 марти соли 2019, №3762 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шуд.

Роҳбари илмӣ – Сангинов Дониёр Шомаҳмадович, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Дар натиҷаи муҳокима хулосаи зерин қабул карда шудааст:

Мубрам будани мавзӯи таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки иқтисодиёти муосири бозоргонӣ организми мураккабтарине мебошад,ки аз миқдори калони сохторҳои гуногуни истеҳсоли, тиҷоратӣ, молиявӣ ва иттилоотӣ таркиб ёфта, дар манзараи системаи сершохаи меъёрҳои ҳуқуқии тиҷорат,ин бо мафҳуми ягона-бозор муттаҳид мегарданд, ҳамкорӣ менамоянд. Рақобат механизми

ҷудонашавандаи иқтисодиёти бозоргонӣ мебошад.Рақобат дар иқтисодиёт ба инҳисорот муқобил меистад,зеро ки имкониятҳои ҳар як иштирокчии муносибатҳои бозоргониро дар таъсири инҳисорӣ ба шарти умумии гардиши молҳо дар бозори молӣ маҳдуд месозад. Фаъолияти маҳдуднашудаи инҳисорӣ рақобатро паст мекунад ва ба пахши озодии фаъолияти соҳибкорӣ оварда мерасонад.

Омили боздорандаи фаъолияти инҳисорӣ ва нигоҳдории рақобат қонунгузории зиддиинҳисорӣ мебошад.Он ба муқобили суиистеъмол дар бозор ҳам бо роҳи манъи бевоситаи намудҳои алоҳидаи фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳам ихтисори афзоиши тамоюлҳое, ки ба пастшавии рақобати бозорӣ оварда мерасонанд,равона мегардад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунгузории зиддиинҳисорӣ танҳо дар натиҷаи гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ,вақте ки рақобат барои ҷомеа кори хайр эътироф гашта,бо қонунҳои умумӣ ва махсус,инчунин, санадҳои зерқонунӣ пешниҳод шуд, ба вуҷуд омад. Батартибандозии лозимии инҳисори табиӣ мувофиқати нишондодҳои меъёрӣ, ки дар соҳаҳои гуногун ва институтҳои ҳуқуқ ва санадҳои сершумори ҳуқуқии идорӣ ҷой доранд, дарназар дорад. Дараҷаи мувофиқати нишондодҳои ҳуқуқӣ ва самаранокии онҳо танҳо ҳангоми таҳқиқи маҷмӯи муносибатҳои зикршуда метавонад ошкор гардад.

Масоили таъсири ҳуқуқӣ ба инҳисори табиӣ аксаран бо сабабҳои ҳам иқтисодӣ ва ҳам иҷтимоӣ асоснок гаштаанд. Дар шароити дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидашавандаи ислоҳоти инҳисори табиӣ онҳо махсусан шиддат мегиранд.Чараёнҳои азнавсозӣ, ғайриинҳисорӣ дар соҳаи барқ,алоқа,нақлиёти роҳи оҳан зарурати коркарди механизмҳои аниқи ҳуқуқиро муайян месозанд. Сарфи назар аз талаботи ҷойдошта,тадқиқотҳои мустақими илмӣ аз рӯи масоили танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ

мавҷуд нест.Танҳо осоре вуҷуд доранд,ки ба ҷанбаҳои алоҳидаи ин масъала бахшида шудаанд.

Яке аз масъалаҳои мураккаби ҳуқуқи хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иштироки корхонаҳои муттаҳид-инҳисорчиёни табиӣ дар муомилоти шаҳрвандӣ ва ҳифзи рақобати озоди иқтисодӣ аз таъсири номатлуби онҳо мебошад. Номаълум аст,ки чаро маҳз чунин корхонаҳо шакли ягонаи амалигардонии фаъолият дар соҳаи инҳисори табиӣ мегарданд. Дорои захираҳои азим ва мақоми инҳисорӣ буда,дар муомилоти шаҳрвандӣ бо кадом роҳ зарур мебинанд,ҳол он ки аз рӯи табиату афзалиятҳои худ онҳо бояд фоидаовар бошанд.Ин ва дигар масълаҳои инҳисорчиёни табиӣ дар танзими ҳуқуқи хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол ҳалли худро наёфтаанд.

Бинобар ин, имрӯзҳо дар сатҳи диссертатсионӣ таҳлили танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрам арзёбӣ мегардад.

Мақсад ва вазифаҳои тадқиқот. Бо такя ба муҳимияти мавзӯи зикршуда ҷорӣ кардани донишҳои илмӣ ба танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рафти омӯзиши маҷмӯи ҷиҳатҳои асосии назариявӣ ва амалӣ мақсади тадқиқоти рисолавӣ мебошад.

Мақсади тадқиқот зарурати гузориш ва кӯшиши ҳалли масоили зеринро муайян намуд,ки он ба:

-муайян кардани инҳисори табиӣ чун зуҳуроти иқтисодӣ-ҳуқуқӣ;

-муайян кардани мафҳум ва вижагиҳои мақомоти ҳуқуқии субъектҳои инҳисори табиӣ;

-омӯхтани ташаккул ва рушди қонунгузорӣ дар бораи инҳисори табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-муайян кардани асосҳои молумулкии фаъолияти субъектҳои инҳисори табиӣ;

-омузиши вижагиҳои муносибатҳои шартномавӣ бо иштироки субъектҳои инҳисории табиӣ;

- муайян кардани масъулияти шаҳрвандӣ-ҳуқуқии субъектҳои инҳисори табиӣ;

-тасвияти пешниҳодҳо бо мақсади такмили қонунгузории амалкунандаи соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Объекти тадқиқот танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ аз мавқеи доктринаи ҳуқуқи муосири хусусӣ ва санадҳои амалкунандаи меъёрию ҳуқуқии ҳам Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам давлатҳои дигар мебошад.

Мавзӯи тадқиқот санадҳои меъёри-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, давлатҳои хориҷӣ, таҷрибаи судӣ, инчунин дастовардҳои илмӣ дар соҳаи танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Асоси методологии тадқиқот. Ҳангоми ҳалли масъалаҳои гузошташуда,барои ноил гаштан ба мақсади тадқиқоти рисолавӣ асоси методологии корро методҳои муосири идрок, ки онҳоро илм ошкор кардаасту дар таҷриба санҷидааст, методи муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва методи системавӣ ташкил намудаанд.

Дар ҷараёни тадқиқот методҳои интегралӣ ва муқоисавии таҳлили натиҷаҳои тадқиқот, ки аз рӯи масоили мушобеҳ аз ҷониби муаллифони дигар гузаронида шудааст,ташкил менамоянд.

Асоси назариявии тадқиқоти рисолавӣ. Асоси назариявии тадқиқоти рисолавиро осори илмии олимон-мутахассисони соҳаи хусусии илми ҳуқуқшиносӣ ташкил медиҳанд.Ҳангоми таҳқиқи ин кор осори олимони хориҷӣ ва ватанӣ ба таври васеъ истифода бурда шуд. Дар кор ба асарҳои илмӣ диққати махсус дода шуд.

Дар ҷараёни тадқиқоти илмӣ муаллифи диссертатсия ба асосҳои назариявии танзими ҳуқуқии инҳисорҳои табии дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон ба таври амиқ мавриди омӯзиш қарор дод. Дар ин замина консепсияи нави танзими ҳуқуқии инҳисорҳои табиӣ пешниҳод намудааст. Дар баробари ин, аз ҷониби муаллиф тавсияҳои дорои хусусияти назариявӣ ва амалӣ барои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба инҳисорҳои табиӣ коркард гардид. Навгонии таҳқиқоти илмӣ бо нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда (8 банд) исбот шудааст.

Хулоса ва пешниҳодҳои диссертатсия асоснок ва бо далелҳои муътамад ва умумиэътирофшудаи илми ҳуқуқшиносӣ исбот шудаанд, бо воқеиятҳои таърихӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар давлатҳо-иштирокчии ИДМ устувор гардидаанд. Онҳо дорои арзиши илмӣ ва амалӣ мебошанд.

Диссертатсия ба ихтисоси 12.00.03 - ҳуқуқи граждании; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ мувофиқат мекунад.

Аз руи мавзуи диссертатсия муаллиф 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Маводи чопшуда мазмун ва муҳтавои диссертатсияро ба пуррагӣ инъикос менамоянд.

Диссертатсияи мазкур ба талаботи бандҳои 10,11,12,14 ва 16-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

Диссертатсияи Ҷаборов Диловар Абдуқаҳорович таҳти мавзӯи «Танзими ҳуқуқии инҳисорҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз ихтисоси 12.00.03 - ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ тавсия мегардад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд 18 нафар. Дар натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 18 нафар, «муқобил» - 0 нафар, «бетараф» - 0 нафар. Суратҷаласаи № 13 аз «1» июли соли 2019.

**Раиси ҷаласа:** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати
факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон Мирзозода П.З.

**Котиб:** лаборанти кафедра Маҷидова Р.С.

Имзои Мирзозода П.З.-ро тасдиқ мекунам
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.